Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 063-и
назди МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(ш. Душанбе, Хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтаво ба шиносномаи ихтисос

Мавзуи интихобшуда ба ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқати мустақим дорад. Дар маркази таҳқиқ фаъолияти соҳибкорӣ, шаклҳои ташаккул ва рушди он, омилҳои таъсиррасон, муҳити институтсионалӣ, дастгирии давлатӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва нақши соҳибкорӣ дар бозори меҳнат қарор гирифтаанд, ки ба чунин бандҳои шиносномаи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқ мебошад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 3. қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 5. Таҳқиқи ҷараёни соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ, миқёси фаъолият: намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолот, тиҷорат, молиявӣ ва ғайра); 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, мутобиқат менамояд.

Мутобиқати мазмун ба ихтисос аз он бармеояд, ки муаллиф соҳибкории занонро ҳамчун шакли фаъолияти иқтисодӣ ва ҳамзамон ҳамчун механизми фароҳам овардани шуғл таҳлил мекунад. Дар чунин равиш масъалаи соҳибкорӣ бо бозори меҳнат, рушди минтақа, захираҳои инсонӣ, сармояи молиявӣ ва сиёсати институтсионалӣ пайваст карда шудааст.

Объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки бо рушди соҳибкорӣ ҳамчун ниҳоди асосии афзоиши шуғли занон дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа алоқаманд аст. Предмет раванди ташаккул ва инкишофи механизми соҳибкорӣ дар баланд бардоштани сатҳи шуғли занон дар вилояти Суғдро дар бар мегирад.

Мақсад аз ғанӣ гардонидани муқаррароти илмӣ-назариявии рушди соҳибкорӣ ҳамчун низоми муосир дар баланд бардоштани шуғли занон ва коркарди тавсияҳои амалӣ иборат аст. Вазифаҳои таҳқиқот ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва институтсионалӣ, вазъи муосир ва

тамоюлҳо, омилҳои таъсиррасон ва таҳияи тавсияҳои рушди соҳибкорӣ ва таъминоти молиявии он равона шудаанд.

Байни унвони диссертатсия, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва мазмуни се боби кор робитаи мантиқӣ мавҷуд аст. Аз ин рӯ, мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси иқтисодиёти соҳибкорӣ мувофиқат менамояд.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ

Мубрамияти мавзуъ бо тағйироти сохтории иқтисоди миллӣ, зарурати васеъ намудани иштироки иқтисодии занон ва масъалаҳои таъмини шуғли устувор дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ алоқаманд мебошад. Муаллиф нишон медиҳад, ки гузариш ба иқтисоди бозорӣ шаклҳои моликият, тарзи хоҷагидорӣ ва муносибатҳои меҳнатиро тағйир дода, дар баробари имкониятҳои нав мушкилоти иҷтимоиро низ ба миён овард.

Барои вилояти Суғд масъалаи мазкур аҳаммияти махсус дорад, зеро минтақа дорои сохтори гуногуни иқтисодӣ ва аҳолии қобили меҳнат мебошад. Иштироки занон дар бахшҳои иқтисодиёт баробар набуда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ омӯзиши соҳибкории занон муҳим мебошад.

Муҳоҷирати меҳнатии мардон дар диссертатсия ҳамчун яке аз омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Дар чунин шароит қисми масъулияти иқтисодии оила бештар ба занон мегузарад ва зарурати шаклҳои нисбатан чандири шуғл пайдо мешавад. Соҳибкорӣ метавонад яке аз роҳҳои истифодаи ин имконият бошад.

Ҷанбаи дигари мубрам дастрасии занон ба маблағгузорӣ мебошад. Дар диссертатсия мушкилоти сатҳи нисбатан баланди фоизи қарзҳо, шартҳои мураккаби гирифтани қарз, маҳдуд будани барномаҳои махсус ва зарурати рушди маблағгузории хурд таҳлил шудааст. Боби сеюм ба пешниҳоди самтҳои ҳалли ин масъалаҳо бахшида шудааст.

Ҳамин тавр, мубрамияти мавзуъ аз ҳамбастагии се масъалаи калидӣ – рушди соҳибкорӣ, шуғли занон ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа – сарчашма мегирад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

Яке аз натиҷаҳои асосии дорои унсури навоварӣ пешниҳоди таърифи муаллифии мафҳуми «соҳибкории занон» мебошад. Муаллиф онро ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ тавсиф намуда, ташаббус, масъулият ва таваккали иқтисодии занонро дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳадафҳои ба даст овардани фоида, худтатбиқнамоӣ ва таъмини мустақилияти иқтисодӣ пайваст мекунад (саҳ. 30-37).

Натиҷаи дигари муҳим асоснок намудани заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории занон мебошад. Маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва психологӣ баррасӣ шуда, соҳибкорӣ ҳамчун самти таъмини шуғл ва баланд бардоштани иштироки иқтисодии занон дар рушди минтақа асоснок карда шудааст (саҳ.38-46)

Дар асоси таҳлили оморӣ вазъи муосир, тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд ошкор карда шудаанд. Аз ҷумла, дар солҳои 2018-2024 шумораи занони соҳибкор аз 15,6 ҳазор нафар то 25,9 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда дар диссертатсия ҳамчун далели афзоиши фаъолияти иқтисодии занон таҳлил мешавад.

Ҷадвали 2.14 робитаи соҳибкории занон ва шуғли занонро барои солҳои 2018-2024 нишон медиҳад. Дар ҳамин давра шумораи занони машғули меҳнат аз 188,3 то 221,2 ҳазор нафар ва сатҳи шуғли занон аз 45,8 то 47,2 фоиз тағйир ёфтааст. Муаллиф дар асоси таҳлили коррелятсионӣ робитаи мусбати назаррасро байни ин нишондиҳандаҳо таъкид менамояд (саҳ.98-112).

Ба ҳимоя пешниҳод шудани маҷмуи тавсияҳо оид ба дастгирии давлатӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ ва рақамӣ ва истифодаи технологияҳои муосир низ яке аз натиҷаҳои муҳими кор мебошад (саҳ 133-142, 156-150).

4. Асосноккунӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои дар диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат пешниҳодгардида пеш аз ҳама бо мутобиқати онҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, истифодаи заминаҳои назариявию методологии дахлдор ва таҳлили маводи воқеии оморӣ таъмин карда шудааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқот масъалаҳои рушди фаъолияти соҳибкории занонро дар робита бо шуғл, бозори меҳнат, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ва муҳити институтсионалӣ баррасӣ намуда, хулосаҳои худро дар асоси натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва эмпирикӣ асоснок кардааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омор дар вилояти Суғд, маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, маълумоти ташкилотҳои молиявӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ таъмин гардидааст. Истифодаи маълумоти оморӣ барои солҳои 2010-2024 имконият додааст, ки ҳолати муосир ва тамоюлҳои тағйирёбии фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд на танҳо аз нуқтаи

назари назариявӣ, балки дар асоси нишондиҳандаҳои воқеии минтақавӣ таҳлил карда шавад.

Эътимоднокии хулосаҳо инчунин бо истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳқиқотӣ – усули системавӣ, таҳлили омилӣ, пурсишномавӣ, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ва иҷтимоӣ – тақвият ёфтааст. Муттаҳид намудани усулҳои сифатӣ ва миқдорӣ ба хусусияти мавзуи таҳқиқот мувофиқ буда, имконият медиҳад, ки соҳибкории занон ҳам ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳам ҳамчун омили иҷтимоию меҳнатӣ баррасӣ карда шавад.

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф бо натиҷаҳои таҳлили омилҳои демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, институтсионалӣ, молиявӣ ва технологӣ алоқаманд мебошанд. Дар диссертатсия ба масъалаҳои дастрасии занони соҳибкор ба захираҳои молиявӣ, муҳити институтсионалӣ, сатҳи таҳсилот, муҳоҷирати меҳнатӣ, саводнокии иқтисодӣ ва рақамӣ ва истифодаи технологияҳои муосир таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Ин имкон медиҳад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда аз масъалаҳои воқеии дар раванди таҳқиқот ошкоргардида бароварда шаванд.

Тавсияҳои амалии муаллиф оид ба такмили механизмҳои дастгирии соҳибкории занон низ бо натиҷаҳои таҳлил алоқаманд мебошанд. Аз ҷумла, пешниҳодҳо вобаста ба дастгирии молиявии лоиҳаҳои соҳибкорӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, рушди марказҳои машваратӣ, омӯзиши соҳибкорӣ, кӯмак дар таҳияи бизнес-нақшаҳо, коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани саводнокии иқтисодию рақамӣ ба масъалаҳое равона шудаанд, ки дар таҳқиқот ҳамчун омилҳои муҳими рушди соҳибкории занон муайян гардидаанд.

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар ҳаҷми 185 саҳифа оварда шуда, 33 ҷадвал ва 2 расмро дар бар мегирад.

Муқаддима унсурҳои асосии таҳқиқоти илмиро дар бар мегирад: мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, робита бо барномаҳо ва санадҳои давлатӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои иттилоот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, эътимоднокӣ, саҳми шахсӣ ва апробатсия.

Муаллиф ба доираи васеи адабиёти иқтисодии хориҷӣ, русӣ ва ватанӣ такя намудааст. Дар таҳлил андешаҳои олимон оид ба соҳибкорӣ, шуғл, бозори меҳнат ва соҳибкории занон муқоиса гардида, барои муайян кардани мавқеи муаллиф заминаи кофии назариявӣ фароҳам оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявию методии таҳқиқи фаъолияти соҳибкории занон» – аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум консепсияҳои назариявӣ, дар зербоби дуюм заминаҳои ташаккул ва дар зербоби сеюм асосҳои институтсионалӣ ва механизми танзими давлатии соҳибкории занон таҳлил шудаанд.

Ҷадвалҳои 1.1–1.4 барои муқоисаи таърифҳои шуғл ва соҳибкории занон истифода шудаанд. Ин усул имкон медиҳад, ки фарқияти мавқеъҳои олимон нишон дода шуда, таърифи муаллифӣ дар асоси ҷамъбасти адабиёт пешниҳод гардад (саҳ.23-36).

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявию методии таҳқиқи фаъолияти соҳибкории занон ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, таваҷҷуҳи махсус ба муайян намудани мазмуни иқтисодии мафҳуми «соҳибкории занон» зоҳир гардида, таърифи муаллифии он ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии ба ташаббус, масъулият ва таваккали иқтисодии занон асосёфта пешниҳод шудааст (саҳ. 32–33). Ҳамзамон, муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон ба ташаккул ва рушди соҳибкории занонро гурӯҳбандӣ намуда, омилҳои демографию шуғлӣ, иқтисодию молиявӣ, иҷтимоию психологӣ, институтсионалӣ, технологӣ ва инфрасохториро ҷудо намудааст (саҳ. 58–60). Дар идомаи таҳқиқот нақши муҳити институтсионалӣ ва танзими давлатии соҳибкории занон, аз ҷумла зарурати дастгирии давлатӣ ва мавҷудияти заминаҳои институтсионалӣ, асоснок карда шудааст (саҳ. 69–70). Ба андешаи муқарриз, ин муқаррароти Боби якум заминаи назариявию методии таҳлили вазъи воқеӣ ва омилҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғдро дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия ташкил медиҳанд.

Дар боби дуюм - "Ҳолати муосир, тамоюлҳо ва омилҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд" - заминаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкории занон, тамоюл ва муаммоҳои ва хусусиятҳои минтақавии фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд таҳлил карда шуда, омилҳои рушди соҳибкории занон ва роҳҳои идоракунии он муайян карда мешавад.

Дар Боби дуюми диссертатсия ҳолати муосир, тамоюлҳо ва омилҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд таҳлили ҳамаҷониба гардидааст. Аз ҷумла, заминаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди соҳибкории занон бо истифода аз нишондиҳандаҳои демографӣ ва бозори меҳнат таҳлил гардида, динамикаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақа муайян карда шудааст. Монеаҳои асосӣ сатҳи баланди фоизи қарз, маҳдуд будани барномаҳои махсуси бонкӣ, набудани ё кам будани қарзҳои имтиёзнок ва мураккабии шартҳои гирифтани қарз мебошанд. Муаллиф инчунин масъалаҳои нокифоя

будани саводнокии молиявӣ, рақамӣ ва малакаи таҳияи бизнес-нақшаро қайд мекунад (саҳ. 96-99).

Бо истифода аз таҳлили коррелятсионӣ робитаи байни соҳибкории занон ва шуғли онҳо муайян гардида, коэффитсиентҳои коррелятсия 0,97, 0,95 ва 0,93-ро ташкил додаанд (саҳ. 140-141). Ҳамзамон, омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди соҳибкории занон, аз ҷумла омилҳои демографӣ, иқтисодию молиявӣ, иҷтимоию психологӣ, институтсионалӣ, технологӣ ва инфрасохторӣ муайян карда шудаанд (саҳ. 145-148).

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил роҳҳои такмили идоракунӣ ва рушди минбаъдаи соҳибкории занон, аз ҷумла таҳкими дастгирии давлатӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва баланд бардоштани саводнокии иқтисодию рақамӣ пешниҳод гардидаанд (саҳ. 145-153).

Дар боби сеюм - "Самтҳои такмил ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд" - равишҳои асосии мусоидат ба рушди соҳибкории занон барои давраи оянда таҳқиқ карда шуда, авлавиятҳои афзоиши таъминнокии молиявӣ дар рушди соҳибкории занон муайян карда мешавад.

Дар ин боби диссертатсия самтҳои такмил ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд таҳлил гардида, як қатор пешниҳодҳои илмӣ ва амалии муаллиф оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ асоснок карда шудаанд. Аз ҷумла, самтҳои асосии мусоидат ба рушди соҳибкории занон барои давраи оянда, аз ҷумла такмили дастгирии давлатӣ, коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва рушди муҳити соҳибкорӣ пешниҳод гардидаанд (саҳ. 134–146).

Муаллиф зарурати баланд бардоштани малакаҳои касбӣ, саводнокии иқтисодию рақамӣ ва рушди тафаккури инноватсионии занонро ҳамчун яке аз шартҳои муҳими рушди соҳибкорӣ асоснок менамояд (саҳ. 134–146). Дар диссертатсия инчунин масъалаҳои таъминоти молиявии соҳибкории занон таҳлил гардида, васеъ намудани дастрасӣ ба қарзҳо ва дигар шаклҳои маблағгузорӣ ҳамчун самти муҳими дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст (саҳ. 146–160).

Муаллиф истифодаи қарзҳои имтиёзнок, дастгирии молиявии лоиҳаҳои соҳибкорӣ ва иштироки бештари занонро дар барномаҳои дастгирии давлатӣ пешниҳод менамояд (саҳ. 146–160). Дар маҷмӯъ, пешниҳодҳои Боби сеюм ба натиҷаҳои таҳлили Боби дуюм асос ёфта, барои такмили механизми дастгирӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди минбаъдаи соҳибкории занон дар вилояти Суғд равона шудаанд (саҳ. 134–160).

Бартарии боби сеюм дар он аст, ки пешниҳодҳо аз натиҷаҳои таҳлилии боби дуюм бармеоянд. Аз ин рӯ, байни қисми ташхисӣ ва қисми тавсиявии диссертатсия робитаи мантиқӣ нигоҳ дошта шудааст.

Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар такмили асосҳои назариявию методии соҳибкории занон, пешниҳоди таърифи муаллифии мафҳуми «соҳибкории занон», гурӯҳбандии омилҳои ба рушди он таъсиррасон, таҳлили ҳолати муосир ва муайян намудани тамоюлҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд, инчунин таҳияи пешниҳодҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани дастгирии давлатӣ, дастрасии молиявӣ ва баланд бардоштани саводнокии иқтисодию рақамии занон ифода меёбад.

Мазмуни хулосаҳои диссертатсия ба натиҷаҳои таҳқиқот асос ёфта, робитаи мантиқии байни таҳлили назариявӣ, натиҷаҳои таҳлили оморӣ ва пешниҳодҳои амалиро таъмин менамояд. Тавсияҳои муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд ва метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳо ва чорабиниҳои минтақавӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон истифода шаванд.

Дар маҷмӯъ, аз рӯйи муҳтаво, мазмун, дараҷаи навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои он дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ диссертатсия

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар рушди муқаррароти назариявӣ оид ба соҳибкории занон ҳамчун шакли фаъолияти соҳибкорӣ ва воситаи таъмини шуғл ифода меёбад. Таърифи муаллифӣ ва гурӯҳбандии омилҳои рушди соҳибкорӣ заминаи назариявии таҳқиқоти минтақавиро тақвият медиҳанд. Ин натиҷаҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар самти соҳибкории занон истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ дар имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавии дастгирии соҳибкории занон, сиёсати шуғл ва дастгирии молиявӣ ифода меёбад. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар такмили механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкории занон мусоидат намоянд.

Аҳаммияти иқтисодӣ ба истифодаи самараноки иқтидори меҳнатии занон, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкории хурд ва баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии минтақа вобаста мебошад. Ин раванд барои афзоиши даромади хонаводаҳо ва таҳкими иқтидори иқтисодии минтақа замина фароҳам меорад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ дар мусоидат ба коҳиши бекории занон, баланд бардоштани мустақилияти иқтисодӣ ва васеъ намудани иштироки онҳо дар фаъолияти иқтисодӣ зоҳир мегардад. Ҳамзамон,

рушди соҳибкории занон ба баланд гардидани сатҳи фаъолияти иҷтимоию иқтисодии занон мусоидат мекунад.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати он дар вилояти Суғд, маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, маълумоти ташкилотҳои молиявӣ ва дигар сарчашмаҳо таъмин карда шудааст. Усулҳои системавӣ, омилӣ, пурсишномавӣ, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ва иҷтимоӣ истифода шудаанд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертетсия

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 11 маводи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва донишгоҳӣ нашр шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба муҳокимаи илмӣ пешниҳод гардидаанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида

Бояд қайд намуд, ки диссертатсия ва автореферати Набизода Маҳфуза Раҳмат тибқи талабот ва муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудаанд. Сохтор ва тартиби таҳияи диссертатсия ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, ҳамаи қисматҳои асосии он, аз ҷумла муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо мантиқан пайдарҳам ва мутобиқ ба талаботи методологӣ пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, муҳтавои асосии таҳқиқот дар ҳаҷми 185 саҳифа пешниҳод гардидааст ва 33 ҷадвал ва 2 расм-ро дар бар мегирад. Сохтори кор ба пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот – аз баррасии масъалаҳои назариявию методӣ то таҳлили ҳолати муосири соҳибкории занон дар вилояти Суғд ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ – ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои асосии таҳқиқот, аз ҷумла мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, усулҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, натиҷаҳои асосии бобҳо ва тавсияҳои муаллифро инъикос менамояд. Муҳтавои автореферат ба мазмун ва натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада мувофиқат мекунад.

Матни диссертатсия бо забони илмии тоҷикӣ таҳия гардида, пайдарҳамии мантиқии баёни маводи илмӣ ва сохтори умумии кори диссертатсионӣ риоя карда шудааст. Дар маҷмӯъ, барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он ба талаботи муқарраргардидаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ва алоҳидаи услубӣ, имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, ки дар байни инҳо ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории занон аз ҷониби муаллиф ба гурӯҳҳои демографӣ, иқтисодию молиявӣ, иҷтимоию психологӣ, институтсионалӣ ва технологию инфрасохторӣ ҷудо карда шудааст. Бо вуҷуди ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дараҷаи таъсири нисбии ҳар як гурӯҳи омилҳо бо истифода аз нишондиҳандаҳои миқдорӣ бештар асоснок карда шавад.

2. Дар диссертатсия таҳлили коррелятсионӣ байни нишондиҳандаҳои соҳибкории занон ва шуғли онҳо гузаронида шудааст, ки коэффитсиентҳои баланди коррелятсионӣ нишон додаанд. Ба андешаи мо, барои тақвияти ҷанбаи методологии таҳқиқот шарҳи маҳдудиятҳои ин усул ва фарқияти байни вобастагии оморӣ ва робитаи сабабию натиҷавӣ муфассалтар пешниҳод карда шавад.

3. Таҳлили динамикаи соҳибкории занон дар солҳои 2018-2024 натиҷаҳои назаррас додааст. Аммо барои таҳқиқоти минбаъда истифодаи маълумоти нисбатан дарозмуддат ва таҳлили тағйирёбии нишондиҳандаҳо бо дарназардошти омилҳои беруна метавонад устувории хулосаҳои таҳқиқотро боз ҳам баланд бардорад.

4. Масъалаи дастрасии занони соҳибкор ба захираҳои молиявӣ дар диссертатсия мавқеи муҳим дорад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар таҳқиқоти минбаъда самаранокии шаклҳои гуногуни маблағгузорӣ, аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок, маблағҳои грантӣ ва дигар воситаҳои дастгирии молиявӣ бо нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодӣ муқоиса карда шаванд.

5. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили дастгирии давлатӣ асосан ба дастгирии молиявӣ, машваратӣ, омӯзишӣ ва рушди саводнокии иқтисодию рақамӣ равона шудаанд. Ба андешаи мо, дар таҳқиқоти минбаъда таъсири иқтисодии татбиқи ҳар як чорабинии пешниҳодшуда бо нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва натиҷабахшӣ мушаххастар ҳисоб карда шавад.

6. Дар диссертатсия имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ ва баланд бардоштани саводнокии рақамии занони соҳибкор баррасӣ гардидааст, вале механизмҳои мушаххаси татбиқи чунин технологияҳо

дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд метавонанд муфассалтар таҳия карда шаванд.

Камбудиҳои зикршуда ба натиҷаҳои асосии илмӣ ва аҳаммияти умумии диссертатсия таъсири ҳалкунанда намерасонанд ва хусусияти такмилдиҳанда доранд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №591, аз 28.08.2026 тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, муаллифи он Набизода Маҳфуза Раҳмат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон **Дадоматов Д.Н.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Хебитат, хонаи 5. Тел: (+992) 928566665, E-mail: dalerdn@mail.ru

«14» 10 соли 2026

Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н.-ро ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент **Бобоев А.Х.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 микроноҳия, хонаи 1. Тел: (+992) 34 222 3811, E-mail: tsulbp@rambler.ru

«14» 10 соли 2026